# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна дар мавзуи «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адаби тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ)**

Таҳқиқ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои грамматикии забонҳои эронӣ ва минҷумла, забони тоҷикӣ таваҷҷуҳи олимону донишмандони ватанию хориҷиро солиёни зиёдест, ки ба худ ҷалб намудаанд. Ҳарчанд ки омӯзишу пажуҳиши бунёдии ин забонҳо ба охирҳои асри Х1Х ва аввали асри ХХ мансуб бошад ҳам, вале то имрӯз хусусиятҳои грамматикии қисматҳои алоҳидаи он яке аз ҷанбаҳои нисбатан камтаҳқиқшудаи забоншиносии муосир ба шумор меравanд. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷониба ва мушаххаси хусусиёти сарфию наҳвии забони тоҷикӣ мавзуи саривақтӣ ва муҳимми забоншиносии муосир маҳсуб меёбад.

Дуруст аст, ки солиёни охир дар ин ҷода бо дарназардошти паҳлуҳои гуногуни забоншиносии муосир як идда корҳои омӯзишию пажуҳишии судманд аз қабили рисолаву асарҳои донишмандони варзида ба монанди А. Мейе, Т.Барроу, Хр. Бартоломе, К.Г. Залеман, П.Ҳорн, Ж.Лазар, И.М. Оранский, Л.С. Пейсиков, В.С. Расторгуева, А.З. Розенфельд, П.Н.Хонларӣ, Н. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, Б. Сиёев, М. Давлатова, Н. Базидов, М. Исматуллоев, Б. Камолиддинов, Д. Хоҷаев ва ғ. ба нашр расидаанд, ки барои мутахассисини соҳаҳои мухталифи забоншиносӣ дастрас ва дастури роҳнамо мебошанд.

Бо вуҷуди ин, дар забоншиносии муосири тоҷик бобати омӯзишу баррасии хусусиятҳои грамматикии забони тоҷикӣ «саҳифаҳои холӣ» хеле зиёд аст ва мавзуе, ки унвонҷуй Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна зери таҳқиқу баррасӣ қарор додааст «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии тоҷикӣ» ном дошта, ба яке аз масъалаҳои мавриди ниёзи забоншиносии имрӯза – мушкилоти масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии тоҷикӣ бахшида шудааст, ки аз ин бобат ҷолиби диққат ва қобили дастгирӣ мебошад.

Муаллифи рисола бамаврид зикр менамояд, ки сохтори наҳвии забони тоҷикӣ чун яке аз мавзуъҳои калидии илми забоншиносии тоҷик бахшҳои гуногунро фаро гирифта, яке аз паҳлуҳои асосии он омӯзиши масъалаҳои синкретизм, аз ҷумла, сермаъноӣ ва тобиши иловагии маъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ба шумор меравад.

Мусаллам аст, ки дар омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ масъалаи хеле мураккаб ва то ҳанӯз дар забоншиносии тоҷику рус ба таври мукаммал омӯхтанашуда таснифоти ягона ва дурусти ҷумлаҳои пайрав буда, муҳаққиқону донишмандон дар ин масъала нуқтаи назари ягона надоранд.

Дар ҳамин замина, профессор Д. Тоҷиев зикр менамояд, ки “Классификатсияи ҷумлаҳои пайрави забони тоҷикӣ, нисбатан шартӣ буда, дар асоси ҷиҳатҳои умумии онҳо ба амал омадааст, ҳол он ки ҷумлаҳои пайрав маъно ва тобишҳои хеле гуногунро ифода мекунанд ва онҳоро бо

таснифи муайяни забон дар бар гирифтан хеле душвор аст. Баъзан муносибатҳои маъноии чунин ҷумлаҳо ба дараҷае мураккаб мешаванд, ки онҳоро бо ягон типи ҷумлаи пайрав ворид намудан имкон надорад”[Тоҷиев, с. 12-17].

Аз ҷониби дигар, маҳз омӯзиши ҳамаҷонибаи сермаъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ба ошкор намудани табиати забон ҳамчун омили баёни фикр ва мулоҳизаронии мантиқӣ мусоидат менамояд.

Бинобар ин, омӯзиши ҷиҳатҳои маъноию сохтории ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва таҳлили онҳо дар адабиёти бадеӣ, ки нишондиҳандаи вазъиятҳои амалишавии забон дар шакли нутқ аст, яке аз масъалаҳои марказӣ ва муҳимми илми забоншиносии муосир ба шумор рафта ва ин масъала таҳқиқи амиқ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 — Забони тоҷикӣ нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва хулосахои он ба мавзуи таҳқиқӣ бевосита пайвандӣ доранд.

Бояд зикр намуд, ки мавзуи диссертатсия ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» комилан мутобиқат дорад.

Таҳқиқи масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав сохтор ва дигар вижагиҳои забонии онҳо барои боз ҳам дар сатҳи баландтару хубтар рушд намудани забоншиносии тоҷик мусоидат менамояд.

Муаллифи диссертатсия ба таври муфассал сермаъноии ҷумлаи пайрав, гурӯҳбандии ҷумлаҳои пайрав, сермаъноӣ ва тобишҳои ҷумлаҳои пайрави мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ва сермаъноии ҷумлаҳои пайрави ҳол, сохтор, қолабҳои синтаксисӣ, воситаҳои грамматикии алоқа дар байни сарҷумла ва ҷумлаҳои пайравро мақсади асосии таҳқиқ қарор додааст. Барои расидан ба ин хадафҳо муаллиф дар назди худ чунин вазифаҳо гузоштааст:

- омӯзиши масъалаҳои назариявии таҳқиқи сермаъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ;
- дарачаи омӯзиш ва баррасии масъалаҳои асосии таснифоти ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузва;
- баррасӣ ва омӯзиши падидаҳои синкретизм дар забоншиносии муосир;
- муайян намудани меъёрҳои ҷудо кардани масъалаи тобишҳои семантикӣ ва синтаксисии ҷумлаҳои пайрав дар забони тоҷикӣ;
- таҳқиқи хусусиятҳо, омилҳои асосии сермаъношавии ҷумлаҳои пайрави якузва дар асоси насри бадеии муосир;
- муайян намудани омилҳои асосии сермаъношавии ҷумлаҳои пайрави дуузва ва зоҳиршавии онҳо дар забони адабии тоҷикӣ дар асоси маводи насри бадеии муосир;
- таҳлил, тасниф ва баррасии тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузва;

- муайян намудани нақши воситаҳои грамматикӣ, мувофиқати шаклҳои феълӣ — хабарҳо, калимаҳои ҳамнисбат ва омилхои дигар дар зоҳиршавии сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузва;
- муайян намудани имконоти колабҳои наҳвии забони тоҷикӣ дар ифодаи хулосабарориҳои фикрӣ;
- ошкор кардани алоқамандии матн ва вазъияти нутқ дар зоҳиршавии сермаъноии ҷумлаи пайрав ва ғ.

Дар рисола муаллиф ба сифати мавод ва ё сарчашмаҳои асосии таҳқиқ матни асарҳои насрии нависандагони муосири тоҷик романҳои Садриддин Айнӣ «Ғуломон», «Дохунда», повестҳои «Одина», «Марги судхур», «Ятим» ва «Ёддоштҳо», романи «Духтари оташ», «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро», «Тахти вожгун», «Шодӣ»-и Ҷалол Икромӣ, романҳои «Восеъ», «Навобод», «Субҳи ҷавонии мо», «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода, романи «Палатаи кунҷакӣ», повести «Дар он дунё»-и Фазлиддин Муҳаммадиев, романи «Гардиши девбод»-ӣ Абдулҳамид Самад, повести «Дарди ишқ”-и Кароматулло Мирзоев, романи «Ҳайҷо»-и Урун Кӯҳзод ва баъзе нависандагони дигар ба таври васеъ истифода намудааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсияи баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуктаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқро таъйид менамояд.

Асосҳои назариявӣ ва методологии диссертатсияро асарҳои олимону муҳаққиқон, аз қабили П. Е. Басистов, Ф. И. Буслаев, А. М. Пешковский, В. А. Богородитский, Л. В. Шерба, Н. С. Поспелов, А. К. Федоров, В. В. Виноградов, Ю. А. Рубинчик, А. Шафоӣ, В. А. Белошапкова, А. Г. Руднев, Л. С. Пейсиков, Н. М. Шанский, Н. Гвоздев, В. В. Бабайтсева, С И. Дружинина, Н. Маъсумӣ, Б, Ниёзмуҳаммадов, Л. Смирнова, В. С. Расторгуева, Д,Тоҷиев, Х, Ҳусейнов, М.Н. Қосимова, Ш. Рустамов, А. Муминов, Ҳ. Маҷидов, Б. Камолиддинов, С. Атобуллоев, Ф. Зикриёев, Н. Бозидов, К. Қаландаров, М. Норматов, Д. Хоҷаев, Р. Асоев, В. Абдулазизов, З, Мухторов, М. Мирзоева, Ф. Шарифзода ва дигарон ташкил медиҳанд.

Навоварии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсияи мавриди назар бори нахуст хусусиятҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузва ба сурати мукаммал ва алоҳида мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Дар асоси баррасии назари муҳаққиқони гуногун, таҳқиқи мисолҳои фаровон аз насри бадеии муосир вижагиҳои сермаъноии синтаксисӣ, фарки он аз тобишҳои семантикии худи ҷумлаи пайрав баррасӣ гардида, таъсири он ба ҷудо ва муайян намудани намудҳои ҷумлаи пайрав нишон дода шудааст.

Диссертант дар муқоиса бо баъзе падидаҳои дигари синкретӣ мубрам ва муҳим будани ҳодисаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар шинохти онҳо, тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрав дар баррасии мантиқиро зикр карда, таъсири омилҳои гуногуни маъноӣ ва сохтории ҷумлаи мураккабро таҳқиқу баррасӣ намудааст.

Ҳамчунин, нишон дода шудааст, ки вобаста ба махсусияти фикрронии мантиқӣ омилҳои сермаъношавӣ дар навъҳои гуногуни ҷумлаҳои пайраз якхела нестанд, онҳо вобаста ба робитаи мантиқии сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, муносибатҳои сабабу натиҷа, замонӣ, шартӣ, хилофӣ, муайянкунандагӣ дар хелҳои ҷудогонаи ҷумлаҳои пайрав аз ҳам фарқ мекунанд.

Унвонҷу дар раванди таҳқиқ аз методҳои маъмулии таҳқиқу омӯзиши забоншиносӣ — таҳлили муқоисавӣ, тааҳлили сохторию семантикӣ, таҳлили семантикию услубӣ ва муқоисавию таърихӣ истифода намудааст.

Диссертатсияи доктории Абдурахмонова Мастура Амиралиевна аз чанд ҷиҳат ахаммияти вижа дошта, арзиши назариаш дар он зоҳир мегардад, ки маводи дар ин кори илмӣ таҳқиқотӣ фароҳамомада ва хулосаҳои он барои омӯзиши табиати ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузва мусоидат намуда, ба масъалаи таснифоти ҷумлахои пайрав ва хелҳои он равшанӣ меандозад.

Арзиши дигари назариявии кор дар он зоҳир мешавад, ки дастовардҳои онро барои омӯзиши ҷараёни таҳаввули сохтории забони тоҷикӣ дар давраҳои гуногуни инкишофи забони тоҷикӣ, хусусиятҳои сохтории ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, таъсири адабиёти бадеӣ ба ҷараёни рушди забон истифода намудан мумкин аст.

Маводи рисола, ҳамчунин, дар омӯзиши хелҳои ҷудогонаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, масъалаҳои гуногуни синкретизм дар онҳо, аз ҷумла муносибатҳои сермаъноӣ муродифот, зидмаъноии синтаксисӣ метавонанд истифода шаванд.

Арзиши амалии рисолаи Абдураҳмонова М. А. дар он зоҳир меёбад, ки мавод на натиҷагириҳои таҳқиқро ҳангоми таълими курсҳои тахассусии гуногун оид ба аъзоҳои ҷумла, ҷумлаҳои мураккаб тобеъ метавонад истифода шавад.

Маводи рисола, ҳамчунин, ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастуру васоити таълимӣ доир ба синтаксиси забони тоҷикӣ, метавон мавридн истифода қарор дод. Қисматҳои алоҳидаи кори илмиро ҳамчун маводи бозътимод ҳангоми таълими курсу семинарҳои махсус доир ба проблемаҳои синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб, сермаъноии ҷумлаҳои пайрав, услубшиносии забони тоҷикӣ дар факултетҳои филологияи муассисаҳои тахсилоти олӣ ба кор бурдан мумкин аст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боби муфассал, хулоса ва феҳристи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 343 саҳифаи компютериро ташкил медиҳад ва дар он унвонҷу аз 301 сарчашмаи илмию таҳқиқотӣ ва маъхазҳои илмию бадеӣ истифода намудааст. Ин гувоҳ аз он аст, ки муаллифи он то андозаи мавриди зарурат маводи илмию таҳқиқотии мавҷудаи дохили кишвар ва берун аз онро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

**Қисмати муқаддимавии диссертатсия** ба талаботи дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо, автореферати диссертатсия ва дигар мавдди илмӣ пурра мувофиқат намуда, дар он гузориши масъалаи

пешбинишаванда, зарурати интихоб ва дараҷаи омӯзиши мавзуъ, аҳамияти илмию амалии он, методҳои таҳқиқу омӯзиши мавзуи интихобнамуда, ҳадаф ва вазифаву сарчашмаҳои таҳқиқот, таърихи мухтасари омӯзишу доираи густариши он, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, асосҳои назарӣ ва амалии мавзуъ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии мавриди назар, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар бар гирифтааст.

**Боби якуми** диссертатсия «**Масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик**» унвон дошта, аз чор фасл иборат аст.

Муаллиф дар ин боби рисола бештар ҷанбаҳои назарӣ, давраҳои таҳқиқ ва омӯзиши масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷикро ҳамаҷониба матраҳ намуда, ҳамзамон, меъёрҳои таснифоти ҷумлаҳои мураккаби тобеъро дар забоншиносии тоҷик мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

Диссертант зикр менамоянд, ки сермаъноӣ ё ки полисемия аз ҳодисаҳои ниҳоят сершохаи системаи забон ба шумор рафта, тамоми қабатҳои онро фаро мегирад.

Масъалаи сермаъноӣ ё полисемияи воҳидҳои грамматикӣ дар забоншиносии умумӣ ва тоҷику форс то андозае таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаро ба худ ҷалб намудааст. Аз ибтидои омӯзиш ва таҳқиқи воҳидҳои грамматикии забон сар карда қолабҳо ва шаклҳои онҳо, омилҳои гуногуни ифодаи онҳо мавриди пажуҳишҳои олимони ҷудогона қарор гирифтааст.

Аслан, омӯзиши ҳодисаи сермаъноӣ дар ҳама қабатҳои забон баробари ба миён омадани зарурати воқеӣ сурат гирифта, зина ба зина паҳлӯҳои нав ба нави он ошкор карда мешавад. Дар ҳар як давраи омӯзиши ин масъала ба миён омадани проблемаҳои нав боиси боз ҳам бештар гардидани таваҷҷуҳи муҳаққиқони забоншинос мегардад.

Дар забоншиносии умумӣ солҳост, ки як масъалаи дигар ҳам муҳаққиқонро бетараф намегузорад. Ин масъала назарияи интиқол, омезиш ёфтани маъноҳо аст. Назарияи интиқоли маъноҳо, ҳамдигарро иваз кардани шаклҳои грамматикӣ, қолабҳои грамматикӣ дар забоншиносии рус баробари омӯзиши назарияи грамматика дар забоншиносии рус пайдо шудааст.

Таъкид менамоянд, ки масъалаи сермаъноии наҳвӣ, ки омили асосии инкишофи омӯзиши сермаъноии ҷумлаҳои пайрав аст, аз силсилаи таҳқиқоти гуногун маншаъ мегирад, ки роҳу воситаҳои онро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст:

1. Дар китобҳои дарсӣ, дастур ва васоити таълимӣ, мақолаҳои характери илмию методидошта, ки бо мақсади такмили дониши забономӯзон, тавсияҳо ба таълимгирандагону омӯзгорон таҳия мегарданд, масъалаи тобиши ҷумлаҳои пайрав ишора карда мешаванд. Бояд гуфт, ки дар ин силсилаи таҳқиқот истилоҳи “сермаъноӣ” ё “полисемия” ишора намегарданд.

2. Дар мавриди нишон додани хусусиятҳои грамматикии забони тоҷикӣ тавассути таҳлили осори бадеии шоиру нависандагони ҷудогона, нишон додани сабки хосаи эҷодкорон ишораҳо ба масъалаи сермаъноӣ бо таъкиди тобиши маъноӣ сурат гирифтааст.

3. Дар мавриди таҳқиқи воҳидҳои гуногуни сарф ва наҳви тоҷикӣ, аз қабили пайвандакҳо, воситаҳои алоқаи грамматикӣ ба тобишҳои маъноии онҳо таваҷҷуҳ карда мешавад.

4. Ҳангоми таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, хелҳои он, ҷумлаҳои ҷудогонаи пайрав, сохтор, қолаб ва маъноҳои онҳо масъалаи сермаъноӣ зикр карда мешавад. Дар аксари ин гуна таҳқиқот низ мафҳуми сермаъноӣ бо истилоҳи "тобишҳои маъноӣ" ифода карда шудааст.

5. Ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои муродифоти наҳвӣ аз ҷониби муҳаққиқон ба масъалаи тобиши маъноӣ низ таваҷҷуҳ мегардад, аммо яке аз масъалаҳои печида дар ин маврид он аст, ки дар баъзе таҳқиқоти дар ин самт анҷомёфта сарҳади мушаххас байни сермаъноӣ ва муродифот гузошта намешавад.

Азбаски таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ ба забони тоҷикӣ ба таври мунтазам танҳо баъд аз Инқилоби октябр сурат гирифт, оғози таҳқиқоти масъалаҳои гуногуни грамматикаи забони тоҷикӣ низ аз ҳамон давра сурат мегирад ва дар аввалин китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ ишораҳои хеле ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки бешубҳа, ба таҳқиқоти нисбатан дақиқи солҳои баъдина замина гузоштаанд. Муаллифони ин таълифот аз хусуси сермаъноӣ, тобишҳои маъноӣ бевосита чизе нагуфта бошанд ҳам, назари онҳо дар мавриди роҳу воситаҳои алоқа ва зикри маънои аъзоҳои ҷумла ва ҷумлаҳои пайрав муҳим аст.

**Боби дуюми диссертатсия "Сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва дар забони адабии тоҷикӣ"** унвон дорад, ки он фарогири 5 зерфаслмебошад.

Дар ин қисмати рисола муаллиф масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва, тобишҳои иловагии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда, пуркунанда, мубтадо ва хабарро мавриди баррасии ҳамаҷониба карор додааст.

Дар ин маврид зикр менамояд, ки муҳаққиқон ба гурӯҳи ҷумлаҳои пайрави якузва, ки бар эзоҳи як ё гурӯҳи аъзоҳои сарҷумла меоянд, ҷумлаҳои пайрави мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ва ба гурӯҳи ҷумлаҳои пайрави дуузва ҷумлаҳои пайрави ҳолро, ки бар эзоҳи тамоми сарҷумла меоянд, мансуб медонанд.

Дар ин маврид ҳаминро бояд таъкид намуд, ки ҳар як ҷумлаи пайрав маъноеро, ки дар бар мегирад, дар зинаҳои гуногуни услубӣ шакл мегиранд, ки он дар доираи семантикаи худи ҳамон хели ҷумлаи пайрав зоҳир гардида, аз тобишҳои маънои синтаксисӣ бояд фарқ карда шавад. Барои муқоиса ба таҳқиқоти забоншинос Ш. Рустамов муроҷиат менамоем. Муҳаққиқ 10 хели тобиши маъноии ҷумлаи пайрави муайянкунандаро ба таври зайл номбар ва таҳлил мекунад: шарт, сабаб, натиҷа, хилоф, ҳолат, замон, макон, мақсад, микдору дараҷа, тахмин. Дар мавриди тобиши ҳолат ва тахмин чунин мулоҳизаронӣ намудааст: "Дар ин гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷумлаи пайрав ҳолату вазъияти предмети муайяншавандаро ҳамчун аломат нишон медиҳад" [60, с. 51-57].

**Боби сеюми диссертатсия "Сермаъноии ҷумлаҳои пайрави дуузва** ном дошта, аз 11 фасл иборат аст.

Диссертант дар ин қисмати диссертатсия кӯшиш намудааст, то андозае ба масъалаҳои омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забоншиносии тоҷик ва тобишхои маънои иловагии ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ҳоли тарзи амал, миқдору дараҷа,сабаб, мақсад замон, макон ва ғайраро мавриди барррасӣ қарор диҳад.

Муаллифи рисола бамаврид зикр менамоянд, ки яке аз масъалаҳои хеле муҳим дар мавриди омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол таснифи онҳо ба гуруҳҳо ба шумор меравад. Аз ин нуқтаи назар масъалаи омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол аз солҳои 30-юми садаи XX то ба имрӯз идома дорад ва дар мавриди хелҳои ҷумлаи пайрави ҳол то охирин таҳқиқоти анҷомёфта хулосаи ягона нест, зеро дар мукаммалтарин таҳқиқоти ҷумлаҳои пайрави ҳол шумораи онҳо якхела нишон дода намешавад.

Бо назардошти баҳсҳои гуногун андешаҳои олимону донишмандонро доир ба масъалаи мавриди баҳс натиҷагирӣ намуда, зикр менамоянд, ки дар мавриди хелҳои ҷумлаи пайрави ҳол мо лозим донистем, ки ба таснифоти яке аз муҳаққиқони барҷастаи ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забони тоҷикӣ – Д.Т. Тоҷиев, такя кунем ва дар доираи фаслҳои ҷудогона дар мавриди сермаъноии 10 хели ҷумлаҳои пайрави ҳол баҳс мекунем, ки бо тартиби зайл хоҳанд буд: ҷумлаи пайрави ҳоли тарзи амал, монандӣ, миқдору дараҷа,сабаб,мақсад, замон, макон, шарт, хилоф, натиҷа ва ғайра.

**Дар хулосаи диссертатсия** муаллиф ба таври мушаххас ва фишурда натиҷаи илмиву амалии таҳқиқотро дар 22 банд ҷамъбаст намудааст.

Унвонҷу дар охири диссертатсия номгуи адабиёти илмиву таҳқиқотӣ ва сарчашмаҳои мавриди истифода қарорёфтаро зикр намудааст. Тартиби овардани маводи сарчашмаҳо ва манбаъҳои истифодашуда ба талаботи корҳои илмӣ ва рисолаҳои таҳқиқотӣ мувофиқат мекунанд.

Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллифи он ба ҳадди кофӣ мухтавои рисоларо инъикос намудаанд. Дастгоҳи илмии диссертатсия ба меъёрҳои рисолаҳои илмии докторӣ ҷавоб дода метавонад.

Бояд зикр намуд, ки дар баробари дастовардҳои муаллифи рисола, ки бешубҳа, дар таҳқиқу омӯзиши масълаҳои забоншиносии муосир саҳми арзандае хоҳад гузошт, ба андешаи мо, баъзе нуқсону камбудиҳое низ роҳ ёфтаанд, ки бартараф намудани онҳо дар оянда барои беҳбудии кайфияти таҳқиқ ва афзудани арзиши илмию амалии рисола мусоидат хоҳад кард, аз ҷумла:

1. Дар рисола муаллиф бештар ба фикру андеша ва пажуҳиши донишмандон ва муҳаққиқони рус ва Аврупо такя намудааст, ки ин равияи маъмулӣ ва нисбатан дастрас мебошад. Ҳамзамон, ҳангоми баррасии масъалаҳои мавриди назар рисолаҳову осори таҳқиқоти олимони забоншиноси тоҷик то андозае сарфи назар шудааст. Ҳарчанд ки ин масъала дар осори таҳқиқотии олимони варзида, аз қабили Сиёев Б., Давлатова М., Базидов Н., Қурбонов П. ва дигарон зикр шудаанд ва овардани мулоҳизоти эшон арзиши илмии рисоларо афзун мекард.

2. Дар диссертатсия дар бештари маврид иқтибососоти овардашударо аз мулоҳизоти муаллиф ҷудо намудан мушкил аст, аз ин рӯ, андешаронии диссертант доир ба масъалаҳои баррасишаванда дар баъзе мавридҳо норавшан мемонад.

3. Ба андешаи мо, таҳлили муқоисавӣ ва типологии ин падидаи забонӣ бо дигар забонҳои эронӣ барои муайян кардани вижагиҳои таҳаввулот ва динамикаи рушди онҳо низ ниҳоят ҷолиб хоҳад буд.

4. Дар рисола аз осори таҳқиқотии сершумор истинод оварда шудааст, ки ин умуман, ҷанбаи мусбат аст, вале дар ин маврид мавқеи муаллифи рисола бояд равшантар ва қатъитар ифода мегардид.

5. Дар тавсифи библиографии манбаъҳо низ на ҳамеша қоидаҳои якхела риоя гардидааст ва ихтилофҳои муайян низ мушоҳида мешавад.

6. Бо вуҷуди он, ки муаллифи диссертатсия хеле дақиқкор аст, дар саҳифаҳои рисола ва фишурдаи он нуқсонҳои дорои хусусиёти техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд (саҳ.3, 5, 7, 15, 28, 37, 68 ва ғ.).

Сарфи назар аз мулоҳизоте, ки дар боло зикр гардид, диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна дар мавзуи «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии тоҷикӣ» кори илмии ба анҷомрасидаест, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01- забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардида, ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгуй мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Муқаррizи расмӣ,**
доктори илми филология, профессор,
мудири шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ — Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон
1 октябри соли 2025
**Нишонӣ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
Тел.: 227 27 52 Моб: (992) 918860046
E-mail: m.olim@rambler.ru

Имзои профессор Олимҷон Муҳаммадҷонзодаро тасдиқ менамоям:
Нозири шуъбаи кадрҳои Институти
забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ — Нарзиқулова Ҳилола

**Нишонӣ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
Тел.: 227 27 52
E-mail: iza.rudaki@gmail. com
1 октябри соли 2025